**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи номзадии Дадоҷонов Бобоҷон Ёқубҷонович дар мавзӯи "Асосҳои методии тартиб додани масъала барои истифодаи компютер дар раванди таълими математикаи мактабӣ", ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст.**

Таълими математика дар мактабҳои миёнаи умумӣ яке аз ҷузъҳои муҳим ба шумор рафта, ба рушди тафаккури математикӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон, малакаи истифодаи донишҳои назариявии онҳо дар амалия ва фанҳои табиӣ мусоидат мекунад.

Дар илми педагогика муҳаққиқон кӯшиҳои зиёд баҳри ғанӣ гардонидани методикаи таълими математика намудаанд, вале таҳқиқот оид ба таҳлили ҳамгироии методологӣ, технологӣ ва барномарезӣ оид ба омӯзиши математикаи мактабӣ вуҷуд надорад. Рисолаи номзадии Дадоҷонов Б.Ё. маҳз ба ин масъала, яъне компютерикунонии таълими геометрия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Гуфта шудааст, ки моделсозии математикӣ имконият медиҳад, ки омилҳои муҳимтарини масъалаи таълимии омӯхташаванда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шавад.

Дар автореферат муаллиф сабаби интихоби таҳқиқи фанни таълимии геометрияро асоснок намуда, қайд кардааст, ки геометрия ба дигар фанҳо беҳтар нишон додани имконияти махсусияти муҳими илми муосирро дорад. Муаллиф қайд намудааст, ки истифодаи компютер ба сифати воситаи таълим зарурати бознигарии бисёр матлабу коркардҳои назариявии дидактика ва психологияи педагогиро ошкор кард. Дадоҷонов Б.Ё. аввалин шуда кӯшиш ба харҷ додааст, ки асосҳои психолоию педагогии таҳияи масъалаҳои таълимиро барои истифодаи компютер дар раванди омӯзиши геометрия дар мактаби миёна мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Ҷиҳатҳои мусбии натиҷаҳои таҳқиқоти зерин:

1. Муаллиф ба назарияи маърифат ва таълими инкишофдиҳанда такя намуда, методҳои самарабахши таҳқиқот ва мувофиқ будани онҳо ба вазифаҳои гузошташударо интихоб намудааст.
2. Шартҳое нишон дода шудаанд, ки дар хонандагон дарки хислати моделии геометрияро ҳамчун илм ва маҳорати роҳандозии амалиёти моделсозиро дар ҳолатҳои гуногуни таълимӣ ҳангоми риояи шартҳои зарурӣ ба шакл даровардан мумкин аст.
3. Барномаҳои коркардшудаи таълимӣ оид ба омӯхтани мафҳум ва муносибатҳои геометрӣ барои амалигардонии воситаи умумии

таҳлили назариявии мафҳум ва муносибаҳои омӯхташаванда истифода бурдан мумкин аст.

4. Муаллиф барои ба даст овардани натиҷаҳои эътимоднок ва татбиқ карда тавонистани онҳо дар дигар мактабҳои минтақаҳои кишвар, озмоиши педагогии худро дар шаҳру ноҳия ва шаҳракҳои мухталифи вилояти Суғд гузаронидааст.
5. Натиҷаҳои таҳқиқотро муаллимон метавонанд дар фаъолияти амалии худ вобаста ба рушди тафаккури абстрактӣ, фаъол ва мустақилонаи хонандагон истифода баранд.
6. Дурустии натиҷаҳои кори диссертатсияро исботҳои математикии дақиқ тасдиқ ва хуб тавсиф намудааст.

Технологияи моделсозии математикии масъалаҳои таълимии ҳосилшуда дар болобарии сатҳи дониш ва салоҳиятҳои технологии хонандагон мусоидат хоҳад намуд, ки ин сазовори дастгирист.

Бояд гуфт, ки натиҷаҳои илмии мазкурро ҳамчунин метавонанд бакалаврҳо, магистрҳо, докторантони PhD, аспирантону унвонҷӯёни ихтисоси самти математика ва умуман кулли муҳаққиқони ҷавон истифода баранд. Технологияҳои нави моделсозии математикӣ ва компютерии масъалаҳои таълимиро ба шакли курси махсус оварда, ба донишҷӯёни ихтисосиҳои мувофиқи мактабҳои олии ҷумҳурӣ омӯзонидан мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамаи натиҷаҳое, ки дар автореферати Дадоҷонов Б.Ё. пешниҳод шудаанд, навгонӣ дошта, асоснок карда шудаанд. Мавзӯъ ба шаҳодатномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ дар мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашр шудааст, инъикос ёфтаанд.

Новобаста аз ин дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ мавҷуданд. Ба фикри мо хуб мешуд, агар Дадоҷонов Б.Ё. дар автореферат марҳилаи сеюми диссертатсияро ба таври бояду шояд нишон диҳад. Зеро натиҷаҳо маҳз дар ин марҳила ҷамъбаст карда мешаванд. Инчунин, хатоҳои граматикӣ ва техникӣ роҳ дода шудаанд. Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои дар диссертатсия ҷойдошта ба мазмуну мундариҷаи рисолаи номзадӣ таъсири манфӣ намерасонад.

Автореферат натиҷаҳои асосии диссертатсияро дуруст инъикос менамояд.

Хулоса, автореферати Дадоҷонов Б.Ё., ки ба мавзӯи **“Асосҳои методии тартиб додани масъала барои истифодаи компютер дар раванди**

**таълими математикаи мактабӣ”,** бахшида шудааст, ба талаботи КАО – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисосӣ 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ҷавобгӯ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафераи
фанҳои риёзӣ - табиатшиносии муосири
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон _________ Азимова Назира Самадовна

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
Маҳаллаи 17, хонаи 1, тел.:+992(3422)-23811, моб.:+992(92)70707107
Почтаи электронӣ:
Вэб сомона: www.tsulbp.tj

Имзои Н.С. Азимоваро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон И.Ҳ. Мирпоччоев

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС